Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14

# ТАҚРИЗИ

**беруна ба автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Дар айни замон яке аз механизмҳои асосии таъмини талаботи аҳолӣ дар шароити имрӯза ин рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи мазкур аз нуқтаи назари замонави буданаш актуалӣ ва фарогири масъалаҳои муҳими хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Дар сатҳи низоми бонкӣ рушди бозори хизматраонсиҳои бонкӣ вобаста ба фароҳам овардани шароити технологӣ ва инфрасохтори зарурӣ шарти асосӣ мебошад.

Таҳқиқоти унвонҷӯи ба масъалаҳои асосии баланд бардоштани маърифати молиявӣ, хафви молиявӣ ва фарогирии молиявӣ мусоидат намуда, дар оянда имкониятҳои самараноки рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва унсурҳои ба ин бозор хосро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Тавассути таҳлилу баррасиҳои марбут ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ рушди ин соҳа тақвият дода мешавад.

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза мавзуи интихобгардида бо назардошти талоботи замони муосир аз якчанд нуктаи назар зарурӣ ва актуалӣ мебошад. Ҳамзамон дар таҳия татбиқ ва коркардҳои баанҷомрасида мазмуни автореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро бо дарназардошти таҳлилҳои хизматрасониҳои қарзӣ пурра инъикос менамояд.

Дар шароити имрӯза мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ дорои аппарати илмӣ буда, дар он пайдарпайии натиҷаҳои таҳқиқот риоя гардида таҳлилҳои нуктаи назари олимон дар самти мавзуъ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд ва моҳияти илмии мақоларо инъикос менамоянд. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти мазкур як қатор таҳлилҳои дар шакли нақша ва ҷадвалҳо аз тарафи муаллиф роҳандозӣ гардидаанд, ки мукаммалии ҷараёни тақиқи илмиро инъикос менамоянд.

Таҳлилу нақшаҳои дар автореферат овардашуда аппарати илмии мавзуи интихобшударо инъикос менамоянд.

Ҳамчунин, дар шароити имрӯза таҳлилу пешниҳодҳои анҷомдодаи муалиф дар масъалаҳои актуалии хизматрасониҳои қарзии низоми бонк зарурӣ мебошанд.

Новобаста бар он, ки унвонҷӯ дар омода намудани рисолаи илмӣ заҳмат кашидааст, хуб мешуд, агар ба масъалаҳои зерин аҳамият медод.

1. Дар шароити имрӯза хуб мешуд агар унвонҷӯ ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкиро аз нуқтаи назари омилҳо ва сатҳи талабот мавриди таҳқиқ қарор медод;
2. Вобаста ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ омилҳои таъсиррасонро дар сатҳи низоми бонкӣ бояд таҳқиқ менамуд;
3. Хуб мешуд агар унвонҷӯ дар навгониҳои илмӣ ошкорнамоии таъсири омилҳои манфиро ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳқиқӣ ҳаматарафа қарор медод.

Автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Мудири кафедраи
назарияи иктисодии ДБССТ
н.и.и.,дотсент Сафоев А.

Дурустии имзои Сафоев А.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.